# 142 Ба ҳама одамон мавъиза мекунем

**(1 Тимотиюс 2:4)**

1. Худо рӯйбин нест, мо низ мисли Ӯ
 Бо як чашм нигарем ба одамон.
 Ӯ мехоҳад наҷот ёбанд онҳо,
 Оғӯши Ӯ боз аст ба ҳар инсон.

(***НАҚАРОТ***)

*Гап дар дил аст, на миллат,*
*Дар сират аст, на сурат —*
*Хабарро расонем бе рӯйбинӣ.*
*Мо бо меҳру бе ғараз*
*Мегӯем ба ҳар як кас,*
*Ки бо Худо пайдо кунад дӯстӣ.*

2. Фарқ надорад шахс бой ё камбағал,
 Ё чӣ гуна метобад дар аввал.
 Муҳим, ки чӣ гуна аст дар ботин,
 Он чи аён ба чашми Ниҳонбин.

(***Нақарот***)

3. Худо қабул кунад ҳар касеро,
 Ки худро дур созад аз нопокӣ.
 Мо низ ба ҳама, фарқ нагузошта,
 Мерасонем паёми илоҳӣ.

(***Нақарот***)

(Ҳамчунин нигаред ба Юҳ. 12:32; Аъм. 10:34; 1 Тим. 4:10; Тит. 2:11.)

*snylpnw*-TJ No. 142 5/15
© 2015 Watch Tower Bible and Tract Society of Pennsylvania